# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳалимов И.М. дар мавзуи «Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Ҳалимов Иномҷон Мамаҷонович хатмкардаи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад (2005-2010). Пас аз хатми муассисаи мазкур ӯ тахассуси иқтисодчиро аз рӯи ихтисоси молия ва қарз соҳиб шудааст. Солҳои 2010-2011 дар Донишкадаи иқтисод ва савдои шаҳри Гомели Ҷумҳурии Белорус таҳсил намуда ба дараҷаи магистри илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси молия, муомилоти  пул ва қарз соҳиб гаштааст. Ҳоло дар Донишкаишкадаи иқтисод ва савдои донишгоҳи Давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳамчун ба ҳайси муаллими куалони кафедраи молия ва қарз фаъолият бурдат истодааст.

Инчунин, ӯ танҳо роҷеъ ба мавзуи кори диссертатсионӣ 11 мақолаи илмӣ таҳия намуда ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 6 мақолаи илмияш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расида, ҳамчунин кори диссертатсиониро ба итмом расонидааст. Унвонҷӯ худро ҳамчун таҳқиқотчии соҳибихтисос, ки дорои дониши баланд ва муосири назариявию амалии таҳқиқотӣ дар самти молия, муомилоти пул ва қарз мебошад нишон дода, бо соҳибию салоҳиятнокӣ аз методҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ ва аз худ намудани методология ва методикаи таҳқиқи кори илмӣ аз ҷумла, ташаккул ва тараққиёти низоми пардохти миллӣ, ки афзори муҳимми сиёсати пулию қарзӣ ва хазинадории давлат мебошад кори диссертатсиониро барои баррасӣ омода намудааст.

Унвонҷӯ дар кори диссертасионӣ ба таври васеъ усулҳои умумиилмии таҳқиқот, индуксия ва дидуксия дар арзёбии сифатию микдорӣ, таҳлили омилӣ, муқоисавӣ, трендӣ, арзёбии экспертиро истифода кардааст. Инчунин, дастовард ва таълифотҳои илми иқтисодии ватанию хориҷӣ дар соҳаи назарияи ташаккули низоми пардохти миллӣ, ки масъалаҳои хизматрасонии пардохтӣ дар иқтисодиёти гузариш, ракмикунонии иқтисоди миллӣ, идоракунии муттамарказ ва ғаримуттамаркази хизматрасониҳои пардохтӣ бахшида шудаанд, истифода шудаанд. Боиси зикр аст, ки дар кори диссертасионӣ натиҷаҳои таҳқиқоти экспертҳои сатҳи байналмилалӣ, ки институтҳои сатҳи ҷаҳонӣ таълиф намудаанд ва арзёбии мустақилонаи унвонҷӯ истифода шудаанд.

Дарки муаммои илмӣ ва объекти таҳқиқоти худ ба унвонҷӯ Ҳалимов И.М. имкон додааст, ки вазифаҳои гузошташуда дар кори диссертатсиониро дар заминаи коркарди илмии аҳамиятдошта дар ташаккули низоми пардохти миллӣ, раванди ташаккул ва идоракунии низоми пардохти миллӣ, ташаккул ва такомули низоми пардохти миллӣ тавассути мутобиққунии таҷрибаи ҷаҳонӣ ба шароити инфрасохтори

молиявии кишвар, омилҳои таъсиркунанда ба фаъолити низомҳои пардохти миллӣ, самтҳои такомули механизми низми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи амсилаи муносиби ташаккули низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркарду пешниҳод кардааст.

Кори диссертатсионии Ҳалимов И.М. дорои маводи таҳлилии синтезӣ ва дақиқи назариявию амалии ҷанбаҳои ташаккули низоми пардохти миллӣ мебошад. Ин имкон додааст, ки муаллифи кори диссертатсионӣ таҷрибаи ҷаҳонии ташаккули низоми пардохти миллиро таҳқиқ намуда, татбиқи онро дар шароити муосири тараққиёти инфрасохтори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд. Муайян шудааст, ки истифодаи таҷрибаи Федератсияи Руссия ва Ҷумҳурии Халқии Чин дар такомули низоми пардохтии миллӣ муҳим мебошанд ва дар давлатҳои ҷаҳон танзимгарони низоми пардохти миллӣ чун операторони инфрасохтори низоми пардохт амал намуда, кӯшиш менамоянд ба манфиати аҳолию соҳаҳои тиҷорату хизматрасониҳо ва васоити пардохтро такмил диҳанд. Инчунин унвонҷӯ муайян кардааст, ки таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва татбиқи низоми пардохти миллӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вусъатёбии хизматрасониҳои пардохтӣ, рақамикунонии амалиётҳои пардохтӣ, коркард ва амалигардонии низоми пардохтҳои фаврӣ, ташаккули бозори пардохтии рақобатпазир, баланд шудани амнияти пардохтҳо, татбиқи инноватсия дар соҳаи пардохтҳо, тараққи додани инфрасохтори низоми пардохт, самаранокии пардохтҳо ва ғайра мусоидат мекунад.

Кори диссертатсионии мазкур барои ба таври назаррас такомул ёфтани таъминоти илмию методии илмҳои иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард. Хулосаю замимаҳо ва тавсияҳои дар асоси таҳлили илмии ҳолати ҷойдошта дар давлатҳои хориҷа ва Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард намудаи диссертант низ метавонанд ба амалияи ташаккули низоми пардохти миллӣ мусоидат намоянд.

Навоварии илмии таҳқиқоти Ҳалимов И.М. аз асосноксозии назариявии мундариҷаи иқтисодии низоми пардохти миллӣ ва таҳияи тавсияҳои методӣ ҷиҳати ташаккули механизми фаъолияти низомҳои пардохт дар бозори хизматрасониҳои пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асосноккунии назариявӣ ва методии такомули механизми низоми пардохти миллӣ дар асоси консепсияҳои муосири иқтисодӣ зоҳир мешавад. Дар кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати назариявӣ мундариҷаи иқтисодии мафҳуми “низоми пардохт” ва “низоми пардохти миллӣ” шарҳ дода шудаанд; равишҳои идоракунии низоми пардохти миллӣ ва унсурҳои таркибии он аз ҷиҳати назариявию методӣ шарҳ дода шудааст; ҳамчунин механизми такмили низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози мукаммалгардонии заминаҳои қонунгузорию меъёрӣ баррасӣ гардида, роҳҳои расидан ба низоми

пардохти нисбатан мукаммал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Хулосаҳои асоснок, пешниҳодҳо ва тавсияҳои кори диссертатсиониро ба сифати воситаи тасҳеҳи сиёсати пулию қарзӣ ба мақсади боз ҳам самарабахштар ҷорӣ намудани механизми низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст, ки аз аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф мумкин аст ҳангоми таҳияи лоиҳаи стратегияю барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тараққиёти низоми пардохтӣ миллӣ, ки алҳол таҳияю такмилро тақозо менамоянд, истифода шаванд.

Дар хулосаю тавсияҳои кори диссертатсионии Ҳалимов И.М. натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомдода, ки бе ягон шубҳа саҳми шахсии унвонҷӯ дар ташаккули назарияи низоми пардохти миллӣ ва самтҳои такомули низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд, низомбандӣ гардида, тавсияҳо барои такомули механизми низми пардохти миллӣ, ки ба тавсеаи хизматрасониҳои пардохтӣ мусоидат менамоянд овард шудаанд.

Меҳисобам, ки кори диссертатсионии Ҳалимов И.М. кори илмию таҳқиқотии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35, 37 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ буда, аз руйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешни҈од карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Муовини аввал, муовини ректор оид**
**ба таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикисон**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,** **Собирзода Н.М.**

Имзои д.и.и., дотсент **Н.М. Собирзода**-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

16 октябери соли 2023,